**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№ 9, аз «14» ноябри 2024с.

# Тартиби интихоби бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон

Тартиби интихоби бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон (минбаъд - Тартиб) мутобиқи моддаи 6 ва 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” (минбаъд - Қонун) таҳия шуда, он тартиби интихоби бонк-агентро, ки тариқи он Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд- Хазина) метавонад пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ амалӣ намояд, муқаррар менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- бонк-агент - ташкилоти қарзӣ, ки тавассути он Хазина ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон мувофиқи Қонун пардохт мекунад;
- ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад;
- озмун - расмиёти интихоби бонк – агент ҷиҳати пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми фаворасии ҳолати суғуртавӣ;
- интихоби пешакӣ - интихоби пешакии номзадии ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар озмун;
- комиссияи озмун - комиссияи доимоамалкунанда, ки барои гузаронидани озмун ва интихоби бонк-агент (бонк-агентҳо) таъсис дода мешавад;
- созишномаи агентӣ - созишнома байни Хазина ва бонк-агент, ки тибқи он бонк-агент уҳдадор мешавад аз ном ва аз ҳисоби Хазина пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон амалӣ намояд;
- феҳристи пасандоздорон - маълумот оид ба пасандоздорон, ки уҳдадориҳои пасандозии ташкилоти қарзиро дар назди пасандоздор инъкос

намуда, аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади баҳисобгирии пасандозҳои суғурташуда ва муайян намудани маблағи ҷубронпулии суғуртавии ба пасандоздорон пардохтшаванда тибқи тартиби муқарраршуда таҳия карда мешавад.

2. Раванди интихоби бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи Тартиби мазкур аз ҷониби Хазина дар асоси озмун амалӣ карда мешавад.

3. Дар озмун танҳо иштироки ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина роҳ дода мешаванд.

4. Бо мақсади гузаронидани озмун дар Хазина комиссияи озмун барои интихоби бонк-агент фаъолият мекунад.

5. Комиссияи озмун ва ҳайати он бо фармони раиси Хазина таъсис дода мешавад. Дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон Хазина метавонад як намоянда аз Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистонро ба ҳайати комиссияи озмун ҷалб намояд.

6. Интихоби бонк-агент бо роҳи интихоби пешакии ташкилотҳои қарзӣ барои иштирок дар озмун ва гузаронидани озмун байни ташкилотҳои қарзии пешакӣ интихобшуда сурат мегирад.

## 2. Тартиби интихоби пешакии ташкилотҳои қарзӣ барои иштирок дар озмун

7. Интихоби пешакии номзадии ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар озмун тибқи фармони раиси Хазина гузаронида мешавад.

8. Ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина, ки ба талаботи банди 9 Тартиби мазкур ҷавобгӯянд, дар интихоби пешакӣ иштирок менамоянд.

9. Ташкилоти қарзӣ барои иштирок дар озмун бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- на кам аз 3 сол фаъолияти ҷалби амонату пасандозҳоро ба роҳ монда бошад;

- меъёрҳои мақбули муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла меъёри кифоятии сармоя ва меъёри пардохтпазирии ҷориро дар муддати 12 моҳи охир иҷро карда истода бошад;

- дар муддати 12 моҳи охир нисбат ба ташкилоти қарзӣ чораҳои дахлдор дар шакли манъ ва (ё) маҳдуд кардани ҷалби амонату пасандоз ва кушодани суратҳисобҳои бонкӣ татбиқ нагардида бошад;

- мавҷудияти воҳидҳои сохторӣ бо назардошти тақсимоти минтақавии онҳо дар марказҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дорои хазинаҳои

амалиётӣ ва пешниҳоди хизматрасонии амалиёти кассавӣ ба пасандоздорон мебошад;

- дорои имкониятҳои ташкилию техникӣ барои иҷрои вазифаҳои бонк-агент, аз ҷумла ба роҳ монда шудани низоми мутамаркази баҳисобгирии маълумоти феҳристи пасандоздорон дар воҳидҳои сохтории худ (модули пардохти ҷубронпулӣ дар низоми иттилоотии бонкӣ);

10. Интихоби пешакӣ тариқи пешниҳод ва қабули дархостҳои ташкилотҳои қарзӣ тибқи замима ба Тартиби мазкур гузаронида мешавад.

11. Эълон оиди санаи оғози баргузории интихоби пешакӣ ва муҳлати қабули дархостҳо дар сомонаи расмии Хазина дар шабакаи интернет ҷойгир карда шуда, он иловатан тавассути ирсол намудани мактуб ба маълумоти ташкилотҳои қарзӣ расонида мешавад. Ба мактуб варақаи дархост барои иштирок дар интихоби пешакии озмун замима карда мешавад.

12. Қабули дархостҳои ташкилотҳои қарзӣ метавонад тамдид гардад.

13. Бо мақсади иштирок дар интихоби пешакӣ ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина бояд ба комиссияи озмун дархости расмии худро пешниҳод намояд, ки дар он маълумоти зерин оварда мешавад:

- маълумот оид ба мутобиқатии ташкилоти қарзӣ ба талаботи банди 9 Тартиби мазкур бо назардошти ҳуҷҷатҳои замимавии тасдиқи он;

- уҳдадорӣ оид ба бастани созишномаи агентӣ бо Хазина ҳангоми ғолиби озмун эълон гардидани ташкилоти қарзӣ бо шарт ва муҳлати пешбининамудаи Тартиби мазур.

14. Агар муайян карда шавад, ки ташкилоти қарзӣ дархости худро носаҳеҳ ва ё нопурра пешниҳод карда бошад, он гоҳ шахси мутассадии комиссияи озмун дар ин бора ташкилоти қарзиро барои бартараф намудани камбудиҳои ошкоршуда дар рӯзи гирифтани дархост огоҳ мекунад.

15. Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад аз ташкилоти қарзӣ оид ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда тавзеҳот талаб намояд.

16. Дар асоси баррасии маълумоти дар дархост ва ҳуҷҷатҳои ба он замимашуда, комиссияи озмун дар бораи мутобиқ ё номутобиқ будани номзадии ташкилоти қарзӣ ба талабот ҷиҳати иштирок дар озмун ва додани мақоми иштирокчии озмун ба ташкилоти қарзии мутобиқбуда қарор қабул мекунад. Далели мақоми иштирокчии озмунро гирифтани ташкилоти қарзӣ дар пайнавишти комиссияи озмун инъикос карда шуда, онҳо ба рӯйхати ташкилотҳои қарзии дорои мақоми иштирокчии озмун дохил карда мешаванд.

17. Ҳар як ташкилоти қарзии мақоми иштирокчии озмунро соҳибшуда на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдор дар бораи натиҷаҳои интихоби пешакӣ хабардор карда мешавад.

Дар баробари ин, ба маълумоти ташкилотҳои қарзӣ нусхаи санадҳои меъёрии дахлдори Хазина пешниҳод карда мешавад, аз ҷумла:

- Тартиби мазкур;
- Тартиби ҳамкории Хазина бо бонк-агентҳо ҳангоми пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда;
- Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ.

18. Бо мақсади санҷиши мувофиқати ташкилоти қарзии мақоми иштирокчии озмунро соҳибшуда ба талаботи муқаррарнамудаи банди 9 Тартиб, комиссияи озмун мунтазам мониторинги вазъи молиявии ташкилоти қарзиро мегузаронад.

19. Агар номутобиқатии ташкилоти қарзии мақоми иштирокчии озмунро соҳибшуда ба талаботи банди 9 Тартиб ҳангоми мониторинги вазъи молиявии бонк муайян шавад, он гоҳ комиссияи озмун оиди аз рӯйхати ташкилотҳои қарзии дорои мақоми иштирокчии озмун хориҷ карда шудани вай қарор қабул мекунад ва дар ин бора ташкилоти қарзӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдор огоҳ карда мешавад.

## 3. Тартиби гузаронидани озмун ва интихоби бонк агент

20. Озмун мутобиқи фармони раиси Хазина дар ҳолатҳои зерин гузаронада мешавад:

- ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, агар пардохти ҷубронпулии суғурта тариқи бонк-агент зарур бошад;
- дар давраи пардохти ҷубронпулии суғурта, агар ҷалби бонк - агент ё якчанд бонк - агентро барои иштирок дар амалӣ кардани ин пардохтҳо, аз ҷумла барои иваз кардани бонк – агент ё бонк - агентҳои қаблан ҷалбшуда зарур бошад;
- ҳангоми барпонашуда эълон шудани озмун, агар гузаронидани озмуни такрорӣ зарур бошад.

21. Бо назардошти банди 20 Тартиб, комиссияи озмун нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ташкилотҳои қарзии мақоми иштирокчии озмун доштаро, ки дар дархости онҳо пешниҳод шудаанд, дар муқоиса ба маълумотҳои зерин мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад:

- андозаи ташкилоти қарзии дар он ҳолати суғуртавӣ бааммаломада аз рӯи ҳиссаи дороиҳо ва уҳдадориҳои он дар низоми бонкӣ;
- теъдоди воҳидҳои сохтории минтақавии ташкилоти қарзии барҳамдодашаванда;

- ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорони суғурташуда дар ташкилоти қарзии барҳамдодашуда;

- қобилияти хизматрасонии ташкилоти қарзии иштирокчии озмун ба шумораи зиёди пасандоздорон бо назардошти воҳидҳои сохтории ҷавобгӯи сохтори ҷуғрофии пасандозҳо барои пардохти ҷубронпулии суғурта;

- андозаи ҳаққи хизматрасонии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати ҷуброни хароҷоти пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон, ба истиснои маблағи ҷубронпулии суғуртавии аз ҷониби бонк-агент пардохтшаванда;

- усулҳо ва мӯҳлати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дархости маблағ аз Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта.

22. Аз рӯи натиҷаи озмун рӯйхати иштирокчиёни озмун бо тартиби авлавият таҳия карда мешавад. Ташкилоти қарзии дар рӯйхат ҷойи аввалро гирифта ҳамчун ташкилоти қарзии ба сифати бонк-агент ғолибомада интихоб мегардад.

23. Барои як ҳолати суғуртавӣ як бонк-агент интихоб карда мешавад, агар дар Тартиби мазкур дигар қоида пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми ба амал омадани якчанд ҳолати суғуртавӣ якчанд бонк-агент интихоб мегардад.

24. Қарор дар бораи ғолиб донистани иштирокчии озмун бо таклифи комиссияи озмун аз ҷониби раиси Хазина дар шакли фармон, на дертар аз рӯзиояндаи корӣ баъди пешниҳоди таклифи комиссияи озмун, қабул карда мешавад.

25. Дар сурати пайдо шудани зарурати тақсими пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашаванда байни якчанд бонк-агент, Хазина илова ба ташкилоти қарзии дар озмун ғолиб омада, метавонад як ё якчанд ташкилоти қарзиии дигарро бо тартиби дар рӯйхат ҷойдошта дар ҳолатҳои зерин ҷалб намояд:

- агар ташкилоти қарзии дар озмун ғолибомада ақалан дар як ноҳия, ки дар он бояд ба пасандоздорон ҷубронпулии суғурта пардохт карда шавад, воҳиди сохторӣ надошта бошад;

- агар тибқи феҳристи пасандоздорон ҳаҷми умумии ҷубронпулии суғурта, ки бояд пардохт карда шавад, аз 100 млн.сомонӣ зиёд бошад.

26. Раиси Хазина ташкилоти қарзии дар озмун ғолибомадаро тибқи Қонун сари вақт ба Шӯрои нозирони Хазина барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

27. Ба ташкилоти қарзие, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон ҳамчун бонк-агент тасдиқ шудааст, на дертар аз 2 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдор мактуб ирсол карда мешавад.

28. Хазина бо ғолиби озмун созишномаи агентӣ мебандад. Созишномаи агентӣ бо бонк-агент тибқи намунаи тасдиқшудаи санадҳои меъёрии Хазина,

на дертар аз ду рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани таклифи Хазина дар бораи бастани созишномаи агентӣ, ба имзо расонида мешавад.

29. Хазина бо мақсади фароҳам овардани шароити ташкилию техникӣ барои иҷрои вазифаҳои бонк-агент, ба бонк-агент ёрии методӣ мерасонад.

## 4. Муқаррароти хотимавӣ

30. Хазина ҳуқуқ дорад озмуни такрориро тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур гузаронад.

31. Дар ҳолатҳои вайрон намудани Тартиби мазкур ва қонунгузории соҳаи бонкӣ, аз ҷониби комиссияи озмун қарор дар бораи роҳ надодан ҷиҳати иштирок дар озмун, инчунин хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз ҳайати иштирокчиён қабул карда мешавад.

32. Бонк-агент набояд нисбат ба ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда, ки пасандоздоронаш ҷубронпулиро ба воситаи ҳамин бонк-агент мегиранд, ҳамчун шахси вобаста баромад намояд.

Замима ба Тартиб интихоби
бонк-агент барои пардохти
ҷубронпулии суғурта ба
пасандоздорон

**ДАРХОСТ**
**барои иштирок дар озмуни интихоби бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон (интихоби пешакӣ)**

Ташкилоти қарзии ______________________________________________________,
(номгӯи ташкилоти қарзӣ)
дар шахсияти ______________________________________________________,
(ному насаб, вазифа)
ки дар асоси Оиннома амал мекунад, барои иштирок намудан дар интихоби бонк-агент оид ба пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» дархости худро пешниҳод менамояд.

Бо назардошти ин иттилоъ медиҳем, ки ___________________________________:
(номгӯи ташкилоти қарзӣ)

1) Фаъолияти ҷалби амонату пасандозҳоро аз «___»__________20___ с. амалӣ менамояд (нусхаи иҷозатномаи БМТ замима мегардад);

2) Меъёрҳои мақбули аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршударо барои давраи ҳисоботӣ ва 12 моҳи охир риоя менамояд (маълумот дахлдор замима карда мешавад);

3) Дар муддати 12 моҳи охир нисбат ба ташкилоти қарзӣ чораҳои дахлдор дар шакли манъ ва ё маҳдуд кардани ҷалби амонату пасандоз ва кушодани суратҳисобҳои бонкӣ татбиқ нагардидааст;

4) Воҳидҳои сохторӣ бо назардошти тақсимоти минтақавии онҳо дар марказ ва шаҳру ноҳияҳои асосии ҷумҳурӣ, ки хазинаҳои амалиётӣ ва хизматрасонии амалиёти кассавӣ ба пасандоздоронро дорад (номгӯи воҳидҳои асосии сохторӣ (филиалҳо) замима мегардад);

5) Имкониятҳои ташкилию техникӣ барои иҷрои вазифаҳои бонк- агент, аз ҷумла ба роҳ монда шудани низоми мутамарказии баҳисобгирии маълумоти феҳристи пасандоздорон дар воҳидҳои сохтории худ дорад.

Ҳангоми ғолиби озмун эълон гардидан, ___________________________________
(номгӯи ташкилоти қарзӣ)
созишномаи агентӣ байни Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва бонк-агентро бо шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии Хазина ба имзо мерасонад.

Замима: дар ____ в.

Роҳбари ташкилоти қарзӣ:_____________________________________________
(ному насаб, имзо)

Сана: «____»____________20_____с.
ҷ.м.